*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-050*
*назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,*
*суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев*
*63/3, e-mail: 6D.KOA.050@gmail.com*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович, дар мавзуи “Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) пешниҳод гардида аст.**

Таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки стратегии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Барои амалӣ гардидани ин ҳадафи стратегӣ мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва олимон бояд дар масъалаҳои истифодаи оқилонаи замин, такмили технологияи парвариш, баланд бардоштани ҳолати мелиоративӣ ва ҳосилнокии замин, содироти меваю сабзавот тадбирҳои саривақтӣ андешанд. Амнияти озуқавории кишвар танҳо дар сурате таъмин карда мешавад, ки мо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии дохилиро бештар намуда, вобастагии худро аз маводи ғизоии воридотӣ камтар намоем.

Соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисоди Тоҷикистон ба шумор рафта, ба ҳисоби миёна 20-21 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро таъмин менамояд.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Қонуни ҶТ “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 2016), Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” (АМОҶТ с.2012., №4, мод.272) ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён шудаанд, ки барои расидан ба ин ҳадаф равона гардидааст.

Барномаҳои мазкур тақозо мекунад, ки дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла токпарварӣ дар такя ба тадқиқоти илмӣ роҳҳо ва усулҳои нави ба даст овардани ҳосили фаровон ва босифат муайян карда шавад.

Аз он ҷумла, дар такя ба гуфтаҳои болоӣ бояд даромаднокӣ ва самаранокии соҳаи ангурпарварӣ зиёд карда шавад, зеро ҳосилнокии ин соҳа нисбатан паст мебошад. Масоҳати токзорҳои Тоҷикистон тибқи маълумоти омории Вазорати кишоварзӣ барои соли 2023 наздики 38.000 гектарро ташкил медиҳад. Солона ба ҳисоби миёна 500.000 тонна ҳосили ангур ғундошта мешавад, ки ба ҳар як гектар 13 тонна ангур рост меояд. Дар вилояти Суғд бошад, тибқи иттилои Сарраёсати кишоварзии вилоят дар айни замон 9723 гектар токзор мавҷуд аст, ки ин нишондиҳандаҳо дар шароити имрӯзаи рӯзафзун зиёд шуда истода, усулҳои нави технологияи парвариш бо истифодаи техника ва таҷҳизотҳои муосиро талаб менамояд.

**Мубрамият, аҳмияти илмӣ ва амалии** корҳои илмӣ тадқиқотии диссертатсия дар мавзуи “Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) амалӣ гардидаанд, дар асоси гуфтаҳои болоӣ тасдиқ карда мешаванд.

Ҳамчун натиҷаи фаъолияти илмӣ меъёр ва реҷаи дорупошӣ, сохтори таҷҳизот барои дорупошӣ, мукаммалгардонии низоми ҷойгиркунии пошакҳо, масофаи байни насби пошакҳо ва интихоби технологияи пошдиҳии маҳлулҳои обии танзимкунандагони сабзиш муайян гардидааст, ки ин нишондиҳандаҳо метавонанд ҳамчун заминаи амалӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии токзорҳо истифода бурада шаванд.

**Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия.** Лоиҳаи илмӣ бо мақсади мукаммал намудани равандҳои техникӣ ва технологии таҷҳизоти дорупошӣ ва муайян намудани дараҷаи самаранокии истифодабарии он бо назардошти шароити

агроиқлимии минтақаи шимоли Тоҷикистон иҷро карда шуд. Докторант барои баҳо додан ба натиҷаи лоиҳаи илмӣ чунин амалҳоро иҷро намудааст:

- мукаммалгардонии таҷҳизоти дорупошак барои пошдиҳии маҳлулҳои обии ТС ба буттаи ток;

- бо назардошти хусусиятҳои физикии объектҳои истифодашаванда дар асоси ҳисобу китоби математикӣ муайян намуди сохт ва андозаҳои геометрию кинематикии пошхӯрӣ, ҳангоми пошдиҳии танзимкунандагони сабзиш.

- баҳодиҳӣ ба нишондиҳандаҳои сифатии коркарди агротехникӣ ва натиҷаи он;

- таҳлили натиҷаҳои озмоишҳои саҳроии таҷҳизоти таҷрибавӣ барои пошдиҳии маҳлулҳои обии танзимкунандагони сабзиш;

- баҳодиҳӣ ба самаранокии иктисодии истифодабарии таҷҳизоти таҷрибавӣ ва муқоиса бо нишондиҳандаҳои мувофиқи таҷҳизоти анъанавӣ.

Омӯзиш ва таҳлили натиҷаи кори илмии иҷрошуда, ки ба намуди диссертатсия оварда шудааст, маълум месозад, ки муаллиф дар раванди иҷроиши лоиҳаи илмӣ ҳамаи вазифаҳои гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст.

**Навоварии илмии диссертатсия**. Дар доираи кори илмӣ бо назардошти хусусиятҳои морфологӣ ва биологии навъҳои ангури дар минтақаи шимоли Тоҷикистон парваришшаванда, конструксияи таҷҳизоти дорупошӣ мукаммал гардонида, нишондиҳандаҳои геометрӣ ва кинематикии он муайян гардида аст.

Барои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои кории воситаи техникии такмилшуда аз методҳои амсиласозии математикӣ (муодилаҳои суръати ҳаракати сели моеъ ва роҳ) истифода шуда, аз ҷиҳати назариявӣ сарфи маҳлули корӣ, шумораи пошакҳо ва масоҳати пошиши онҳо вобаста аз андозаҳои кинематикӣ ва реҷаи кори таҷҳизот аниқ карда шуда аст.

Бо истифода аз натиҷаҳои бадастомада таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ-технологӣ мукаммалкардашуда ба

нишондиҳандаҳои агробиологии ангур ва самаранокии он муайян карда шуда аст.

Таҷҳизот ба дорупошаки мукаммалкардашуда имконият дод, ки хароҷоти маҳлули моеъро ба 2,0-2,5 маротиба сарфа намуда, сифати коркарди хӯшаҳои ангурро баланд гардонд. Ин нишондиҳандаҳо ба шарофати интихоби шумораи пошакҳо ба микдори 4 дона, гузориши мутаносиби масофаи пошак то девораи амудии (амудӣ), ки 50 см-ро ташкил медиҳад ва суръати ҳаракати агрегати дорупошак аз 4,5 то 5,5 км/соат ба даст оварда шудааст.

Навгонии илмӣ бо нахустпатентҳо, ки дар токзорҳои баландтана бо тартиби пешниҳодшаванда гузаронида шуд, ки аз Муассисаи давлатии Маркази миллии патентию иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи навгонии он аз санаи 08.10.2020 с. таҳти № TJ 1111 “Тарзи ҷуфттартибдиҳии буттаҳои токи ангур” ба даст оварда шуда, доир ба сохтор “Таҷҳизоти дорупошӣ барои коркарди буттаҳои ангур бо маҳлули обӣ” таҳти № TJ 1588 аз 18 марти соли 2025 ба даст оварда шудааaст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии диссертатсия**. Аҳамияти илмии диссертатсия дар он аст, ки равандҳо (таҳлили ҳаракати маҳлули обии танзимкунандаи рушд) ва методҳои (аз ҷумла амсилаи математикӣ) дар кори илмӣ истифодашударо барои такмили таҷҳизоти дигари кишоварзӣ, баҳодиҳӣ ба истифодабарии маҳлулҳои химиявӣ ва ё намуди дигари зироат ва ё растанӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар асоси таҷриба муайян гардид, ки дорупошаки таҷрибавӣ нисбат аз насоси дастии мавҷудбуда чунин бартариҳо дорад: маҳсулнокии хеле баланд (имконияти коркарди масоҳати калон дар муҳлати кутоҳи агротехникӣ), кам намудани хароҷоти маҳлули обӣ (2,5-3,0 маротиба) ва танзимкунандаҳои сабзиш (то 30 %). Бо назардошти ин имкониятҳо барои навъҳои ангури бедонаи дар минтақаи таҷрибавӣ парваришшаванда (аз қабили навъи Кишмиш) коркарди хушсифати хӯшаи гули ангур гузаронида шуд аст, ки дар натиҷа ҳосилнокии онҳо то 10,8% зиёд гардиданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии рисола дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муҳокима ва баррасӣ гардидаанд. Дар асоси натиҷаи кори илмии иҷрошуда 17 мақолаи илмӣ чоп шудааст.

Натиҷаи татбиқи кори илмӣ тадқиқотӣ, ки дар минтақаи таҷрибавии хоҷагии деҳқонии Холиқов С. иҷро гардида аст, бо санади Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд ва хоҷагии деҳқонии Холиқов С. тасдиқ карда мешавад.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия**. Дар асоси натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ 17 номгӯйи таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатся, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА ҶТ тавсияшаванда, 1 мақола дар маҷаллаи байналмилалии тақризшавандаи СКОПУС, 9 мақола дар конфронсҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ, 2 нахустпатент нашр гардидааст.

**Эътимоднокии таҳқиқотҳои** гузаронидашуда бо далели ба ҳамдигар мувофиқат намудани натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия тибқи қонунияти вобастагӣ тасдиқ карда мешавад. Ба ғайр аз ин, коркарди омориву математикии он нишон дод, ки хатогии он нисбат ба нишондиҳандаҳои меъёрӣ дар доираи талабот аст. Дар натиҷаи амсиласозии равандҳои технологии коркарди токзор бо таҷҳизоти таҷрибавӣ муодилаҳои математикӣ таҳия шуданд, ки қонунияти коркарди қатори токзорро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) аз рӯи бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

2. Коркарди назария ва усулҳои таъсири технологӣ ба муҳити зист ва объектҳои (хок, наботот, ҳайвонот, ғалла, шир ва ғайра) истеҳсолоти кишоварзӣ.

3. Пешбинии прогресси техникӣ дар технология ва асоснок кардани системаи мошинҳо барои ҷорӣ намудани онҳо.

4. Коркарди технологияи оперативӣ ва равандҳои зироаткорӣ, чорводорӣ ва гидромелиоратсия.

5. Кор карда баромадани усулҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии равандхои истеҳсолот, истифодаи агрегатҳо, звеноҳо, комплексҳои технологӣ ва хатҳои (линии) истеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани шароити бехавфу муътадили меҳнат, риояи талаботи муҳофизати меҳнат.

6. Омӯхтани шароити кори мошинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, агрегатҳо, ҷузъҳои алоҳидаи корӣ ва дигар воситаҳои механиконии равандҳои технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи сӯзишвории алтернативӣ.

7. Кор карда баромадани усулҳои оптимизатсияи параметрҳои лоиҳавӣ ва реҷаҳои кори системаҳо ва воситаҳои техникии зироаткорӣ ва чорводорӣ аз рӯйи меъёрҳои самаранокӣ ва сарфаи ресурсҳои равандҳои технологӣ.

9. Тадкикоти агрономӣ ва зоотехникии равандҳои технологӣ, параметрҳо ва реҷаҳои кори мошинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, органҳои корӣ, таҷҳизоти технологӣ ва дигар воситаҳои механиконии зироаткорӣ ва чорводорӣ.

10. Кор карда баромадан ва такмил додани усулҳо, воситаҳои санҷиш, назорат ва идоракунии сифати кори воситаҳои механиконии равандҳои истеҳсолот дар зироаткорӣ ва чорводорӣ.

**Таркиб ва ҳаҷми диссертатсия**. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст. Мавод дар ҳаҷми 171 саҳифаи чопӣ мураттаб гардида, 20 ҷадвал ва 37 расмро дарбар мегирад. Феҳрасти адабиёт аз 153 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, ҳадаф ва вазифаҳо, навоварӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, апробатсияи кор аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, баён гаштааст.

Дар **боби якум** оид ба рушди соҳаи мазкур ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ангурпарварӣ, ки нишондиҳандаи сифат ва ҳосилнокӣ мебошад,

қайд шудааст. Дар ин боб натиҷаҳои илмӣ-тақиқотии олимони тоҷик ва берун аз кишвар, ки дар шароити имрӯза оид ба дастовард ва сатҳи начандон баланди ташкили корҳои агротехникии байникаторӣ, таваҷҷуҳи начандон калон ба вижагиҳову хусусиятҳои биологии навъҳо вобаста аз шароити экологӣ ва ташаккулёбии онҳо дида мешавад, маълумот оварда шудааст. Дар ин боб истифодаи танзимкунандагони сабзиш (ТС), ки яке аз поягузори барои баланд бардоштани ҳосил ва сифати он аст ва ҳангоми истифодабарӣ маҳсулнокии кори фаъоли фотосинтез беҳ шуда, ҳосили хуби зироатро дода метавонад, баррасӣ шудааст. Инчунин, маълумот дар бораи мошин ва олотҳо барои пошидани моеи обӣ, ки барои коркард хизмат мекунад, оварда шудааст. Диққати асосӣ ба кори таҷҳизоти дорупошии онҳо дода шуда, амали он ба таври возеҳ тариқи расму таҳлилҳо нишон дода шудааст.

Дар **боби дуюм** маълумот оид ба объектҳо ва усулҳои таҳқиқот оварда шуда аст. Дар ин боб аз он ҷумла оид ба масъалаҳое, ки ба барномаи таҳқиқот ворид карда шуданд, аз қабили: таҳқиқи муҳит – шароити асосии кории таҳқиқи таҷҳизоти дорупошӣ барои пошиши танзимкунандаи сабзиш ба токзор; сохти таҷҳизот барои дорупошӣ; муайян намудани миқдори маҳлули танзимкунандаи сабзиш ва суръати ҳаракати таҷҳизоти дорупошак; омодакунии токзор ба дорупошӣ бо танзимкунандаи сабзиш; омӯзиши андозаҳои асосии таҷҳизоти дорупошӣ; самараи истифодаи таҷҳизоти дорупошии таҷрибавӣ ба таври муфассал оварда шудааст.

Ҳисобу мушоҳидаҳои андозаҳои агробиологӣ дар асоси дастурамал ва методии умумии қабулшудаи олимони соҳа гузаронида шуданд.

Дар **боби сеюм** технологияи пошидани маҳлулҳои обӣ барои танзимкунии сабзиши растаниҳои кишоварзӣ бо истифода аз методҳои математикӣ ва физикӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст.

Дар **боби чоруми** диссертатсия натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф таҳлил карда мешавад.

Аз он ҷумла нишондиҳандаҳои зерин мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд: таъсири ҷойгиршавии дурусти буттаҳои ток дар қатор ба

маҳсулнокӣ, сифати коркарди хок (нармкунӣ, шудгор, ҷӯякканӣ) ва коркарди кимиёвии растанӣ (маҳлулҳои обӣ) бо воситаҳои техникаи кишоварзӣ; шарҳи сохтори таҷҳизоти таҷрибавии дорупошӣ (кунҷи пошанда, масофаи ҷойгиркунӣ ва микдори пошакҳо, нишондиҳандаи қувва), муқоисаи он бо таҷҳизоти маъмулӣ ва афзалияти таҷҳизоти пешниҳодшаванда (сарфаи вақт ва маҳлули истифодашаванд, кам кардани хароҷоти қувваи корӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ); бо истифода аз усули ампелографӣ муайян намудани масоҳати сатҳи биологии қисмати болоии буттаи ангур; муайян намудани сохтори хароҷоти маҳлули корӣ ҳангоми пошидани танзимкунандаҳои сабзиш ба буттаҳои ангур бо воситаҳои дорупошакҳои U-шакл; таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ба маҳсулнокӣ ва ҳосили буттаи ангур вобаста аз андозаҳои геометрию кинематикии дорупошак; таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ ва технологӣ ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур.

Дар **боби панҷум** самаранокии иқтисодии истифодати таҷҳизоти пешниҳодшавандаи пошдиҳӣ ва маҳлулҳои танзимкунандаи сабзиш дар токзор дар асоси натиҷаи минтақаи таҷрибавӣ ҳисоб карда шуда аст.

Хулосаи диссертатсия аз 10 банд иборат буда, фарогири мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мебошад.

Феҳристи адабиёт аз 153 номгӯи мақолаҳо ва маводҳои илмӣ иборат буда, мувофиқи қоидаҳои қабулшуда тартиб дода шуда аст.

Дар замимаҳо санадҳои татбиқӣ, нахустпатент ва барномаҳои амсилаи компютерӣ оварда шудаанд.

Рисолаи илмӣ дорои маълумоти арзишманди назариявӣ, амалӣ ва иқтисодӣ буда, моҳияти таъсири меъёр ва реҷаи корӣ, сохти таҷҳизот барои дорупошак, мукаммалгардонии низоми ҷойгиркунии пошакҳо, масофаи байни насби пошакҳо ва интихоби технологияи пошдиҳии маҳлулҳои обии танзимкунандагони сабзиш, ки бо мақсади беҳтар намудани сифати коркард ва баланд бардоштани ҳосилнокии токзор иҷро карда мешавад, пурра шарҳ дода шуда, аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, талаботи Тартиби додани дарҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши натиҷаҳои илмии ба дастовардаи докторанти (PhD) маълум гардид, ки бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, хатогиҳои техникӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон қайд намуд:

1. Аз сабаби он, ки таҷриба дар шароити экологии минтақаи шимоли Тоҷикистон оварда шуда аст, беҳтар мебуд, ки ҳангоми ишораи натиҷаҳо мавқеи ҷуғрофӣ инъикос гардад.

2. Барои муқосаи самаранокии таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва истифодаи таҷҳизоти пешниҳодшаванда, беҳтар мебуд агар таҷриба барои дигар навъҳои ангур ва тарзи ҷойгиршавии бутаи ангур (бетана, баландтана) низ гузаронида мешуд.

3. Ҳангоми баҳодиҳии самаранокии пошакҳои таҷрибавии пешниҳодшаванда, беҳтар мебуд, таъсири намудҳои дигар насос ва шамолдиҳандаҳо омӯхта мешуданд.

4. Дар баъзе расмҳо (аз он ҷумла расми 34,саҳифаи 118, расми 35 саҳифаи 120) камбудиҳо (набудани воҳидҳои ченак, хатогиҳои техникӣ) мавҷуданд.

5. Ҳангоми муқосаи нишондиҳандаҳои таҷҳизоти пешниҳодшавандаи мукаммалгардида бо дорупошакҳои маъмул, дар қатори дорупошаки механикӣ нишондиҳандаҳои дорупошаки дастӣ оварда нашудааст.

6. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои дар боло зикр шуда, моҳияти илмию амалӣ доштаи диссертатсияро кам намекунанд ва натиҷаҳои ба дастоварда мубрам мебошанд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) пешниҳод шудааст, кори бисёрсолаи илмии ба анҷом расида буда дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст. Кори диссертатсионии мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дарҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**

Муовини ректор оид ба илм
ва инноватсияи Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев
доктори илмҳои техникӣ, дотсент, Аҳмадзода Бахромҷон Раҷаб
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, ш.Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур
хонаи 78.
Тел: +9929173450
E-mail: ahmadov-b@mail.ru

Имзои д.и.т. Аҳмадзода Б.Р.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

*Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,*
*шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109*
*Тел: (992-3723379)*
E-mail: ksu.khorog@mail.ru
*26.05.2025*